# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-016
# НАЗДИ ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
# БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
# АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ
# ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11.04.2026, протоколи №174

Барои сазовор донистани Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

Диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ санаи 27.01.2026, протоколи №158 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-016, дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022 таҳти №14/шд таъсис дода шудааст, бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05-уми январи соли 2026 таҳти №3/шд фаъолияти шуро ба Таснифоти ихтисосҳои илмии доктори фалсафа (PhD) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27-уми марти соли 1996 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 2013 ба зинаи бакалаврияти Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба ихтисоси геодезия дохил шуда, соли 2017 онро бо ихтисоси номбурда хатм намудааст. Соли 2017 ба зинаи магистратураи донишгоҳи мазкур дохил шуда, онро бо ихтисоси заминсозӣ соли 2019 хатм намудааст. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ давоми солҳои 2019-2022 ҳамчун докторант (PhD)-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таҳсил карда, хатм намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2018 то моҳи августи соли 2019 дар вазифаи лаборанти калон, аз моҳи сентябри соли 2019 то ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи геодезия ва геоинформатикаи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият дорад.

Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Насиров Раҳимбек** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Муқарризони расмӣ:**

**Мирасидов Саидакмал Авророрович** – профессори кафедраи иқтисодиёти молиявӣ ва фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;

**Асоев Муфаррах Мазоридинович** - дотсенти кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: (+992-37) 221-77-11; 221-47-96, E-mail: tnu.int.re@gmail.com, www.http:/tnu.tj) дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аҳмадов Р.Р., омода карда шудааст, дар ҷаласаи кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 6-уми марти соли 2026, протоколи №7 баррасӣ гардида, раисикунанда номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии донишгоҳи мазкур Раҳматзода С. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои иқтисодӣ, Раҷабов Қ.Қ. - дотсенти кафедраи мазкур ба он имзо гузоштаанд ва аз тарафи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С тасдиқ шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пурра мувофиқат карда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар хулосаи мусбат қайд шуд, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Фехристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1.Абдуллаев С. И. Таъсири урбанизатсияи аҳолии деҳот ба ноустувории инфрасохтори иҷтимоии шаҳр ва роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. / С.И. Абдуллаев. //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» (Земледелец). Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.- Душанбе, 2024.-№1 (102).-С. 240-243. ISSN 2074-5435.

2. Абдуллаев С.И. Идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоӣ – ҳамчун омили рушди иқтисодиёти деҳот. [Матн]. / С.И.Абдуллаев // Маҷаллаи «Идоракунии давлатӣ». Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе: - 2022, №3 (57). –С.100-109.

3. Абдуллаев С. И. Рушди босуботи кишоварзӣ – асоси устувории инфрасохтори иҷтимоии деҳот. [Матн]. / С.И. Абдуллаев., Р. Насиров //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» (Земледелец). Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Душанбе,– 2022, №3 (96).-С. 145-151. ISSN 2074-5435.

4. Абдуллаев С.И. Такмили идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ – асоси самаранокии иқтисодиёти деҳот. [Матн]. / С.И. Абдуллаев //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию амалии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ», Душанбе:– 2022с. №6.-С. 59-69. ISSN 2413-5151.

5. Абдуллаев С.И. Моҳият ва самтҳои назариявии рушди инфрасохтори иқтисодӣ – иҷтимоии деҳот. [Матн]. / С.И.Абдуллаев //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию амалии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ», Душанбе,– 2022. -№3.-С. 175-183. ISSN 2413-5151.

6. Абдуллаев С. И. Ҳолати кунунии соҳаи кишоварзӣ ва таъсири он ба рушди деҳот. [Матн]. / С.И. Абдуллаев., Р. Насиров //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Душанбе,– 2022.- №1 (94).-С. 90-95. ISSN 2074-5435.

7. Абдуллаев С.И. Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ ва таъсири он ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ. [Матн]. / С.И. Абдуллаев //Маҷаллаи илмии «Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон» -Душанбе, 2021, № 4 (70).-С. 91-96. ISSN 2218-1814.

8. Абдуллаев С. И. Тамоюлҳои рушди иқтисодию иҷтимоии деҳот дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ. [Матн]. / С.И. Абдуллаев //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» (Земледелец). Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, -Душанбе,-2021, №4 (93):-С. 211-215. ISSN 2074-5435.

9. Абдуллаев С. И. Истифодаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ асоси пешрафти иқтисодиёти кишвар ба заминаи дурахшони зиндагии истеъмолкунандагон. [Матн]. / С.И. Абдуллаев., А.А. Ҳасанов //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» (Земледелец). Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе, 2019, №3 (83):-С. 176-180. ISSN 2074-5435.

**Дар дигар нашрияҳо:**

10. Абдуллаев С.И. Истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва саҳми он дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот. [Матн]. / С.И. Абдуллаев /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Идоракунии устувори замин, рушди геодезия ва геоинформатика дар давраи истиқлолияти давлатӣ». Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. – Душанбе, 2022. –С. 8 – 11.

11. Абдуллаев С.И. Об истифодабарӣ ва таъминоти он ба аҳолии деҳот дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ. [Матн]. / С.И. Абдуллаев., Р. Насиров /Маводҳои конфренсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Захираҳои обии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ҳолати муосир дар доираи даҳсолаи байналмилалии амал (Об барои рушди устувор, солҳои 2018 – 2028)» ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. –Душанбе, 2021. –С.6-11.

12. Абдуллаев С.И. Нақш ва вазифаҳои асосии рушди деҳот. [Матн]. / С.И. Абдуллаев /Маводҳои конфренсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мазуи «Рушди илми кишоварзӣ дар даврони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. ISBN 978-99985-62-68-4. –С. 255 – 261.

13. Абдуллаев С.И. Асосҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот: мафҳум ва моҳият. [Матн]. / С.И. Абдуллаев., Р. Насиров /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Моҳияти системаи геоиттилоотӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни ҷомеа». Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. –Душанбе, 2021. –С. 9 – 14.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Қодирзода Ф.А** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор мушовири Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат ба масъалаи рақамикунонии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои «Smart Village» (Деҳаи ҳушманд) дар шароити кунунии Тоҷикистон таваҷҷуҳи камтар зоҳир шудааст.

2. Таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя (масалан, Қазоқистон ё Узбекистон) дар самтиислоҳоти инфрасохтори деҳот, метавонист заминаи татбиқи пешниҳодҳоро дар шароити минтақавӣ қавитар гардонад.

3. Ҷанбаҳои экологии рушди инфрасохтор, аз ҷумла истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар деҳот, ки ҷузъи ҷудонашавандаи рушди устувор мебошанд, дар кор ба таври муфассал инъикос наёфтаанд.

4. Пешниҳоди моделҳои дурнамосозии математикӣ ҷиҳати муайян кардани эҳтиёҷоти воқеии минтақа ба иншооти иҷтимоӣ дар дарозмуддат метавонист асоснокии фасли сеюми корро мукаммал созад.

**2. Шарифзода Б.М** - д.и.и, дотсент, мудири шуъбаи бозори молиявӣ ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузории Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эрод:

- Агар муаллиф, корҳои анҷомдодашударо ҷиҳати таъмини рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз ҷониби Ҳукумати кишвар ва самаранокии онро дар оянда таҳлилу муайян менамуд, қимати илмии автореферати диссертатсия боз ҳам баландтар мегашт.

**3. Ғуломов З. Т** - номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети баҳисобгирию иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эрод:

- Ба назари мо, беҳтар мебуд, агар муаллиф сабабҳои фарқияти сармоягузориро байни водиҳо Ҳисор ва Рашт васеътар омӯхта пешниҳод менамуд.

**4. Ойматов Б.Ш.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо чунин эрод:

- Дар катори бартариятҳои овардашуда автореферат аз кабудиҳо орӣ нест. Дар саҳифаи 13-уми автореферат муаллиф таҷрибаи кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Узбекистон, Қазоқистон ва дигар давлатҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Мутаасифона, муаллиф нишон надодааст, ки таҷрибаи кадом кишварҳои таҳлилшавандаро, дар мисоли ҷумҳурӣ ва ё минтақа амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, ҳамаи эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалӣ ва методологии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ:**

- асосҳои илмию назариявии мафҳуми инфрасохтори иҷтимоии деҳот омӯхта шуда, бо назардошти ақидаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳқиқ гардида, ақидаи муаллиф оид ба тавсиф ва моҳияти инфрасохтори иҷтимоии деҳот **муаррифӣ гардида,** консепсияи асосии таъмини рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот, ки як қатор самт, ҳадаф ва таркибҳои асосии равандҳоро (амалҳоро) дар бар мегирад ва ба таъмини рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот кумаки илмӣ - амалиро мерасонанд, **тавсия шудааст;**

- барои муайян намудани сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва иқтисодиёти деҳот омилҳои таъсиррасон ва меъёрҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявиро **таҳия ва пешниҳод намудааст;**

- мавқеъ ва сиёсати таҷрибаи хориҷии он кишварҳое, ки минтақаҳои деҳот, гуногунии сохтори иҷтимоӣ - иқтисодӣ, табиӣ ва иқлимиашон шартан ба ҷумҳурӣ ва минтақа наздик мебошанд, **тавсия намудааст;**

- тамоюлҳои рушди соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, тағйиротҳои сиёсӣ, сохторӣ ва иқтисодӣ, ки ба ҳолати иҷтимоӣ – иқтисодии деҳот ва сифати зиндагии аҳолии он таъсири манфӣ мерасонад, **баҳо дода шуда**, роҳҳои беҳтар гаштани масъалаҳои мазкур **асоснок карда шудаанд;**

**- исбот шудааст,** ки барои беҳтар намудани ҳолати мавҷудаи хоҷагии манзили коммуналӣ, нигоҳ доштан ва афзоиши ҳаҷми сохтмони индивидуалии манзили зист, роҳҳои беҳтар намудани он дар асоси ҷалб намудани маблағҳои бахши хусусӣ (аҳолӣ) ва дастгирии давлатӣ таъсис додани фонди махсус **тавсия шудааст;**

- роҳҳои асосии такмил додани фаъолияти соҳаи кишоварзӣ, дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияи пешқадам, мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникӣ, дурнамои тараққиёти истеҳсоли маҳсулот бо назардошти динамикаи афзоиши он дар солҳои

охир, ки ба рушди инфрасохтори ичтимоӣ ва сатҳи иқтисодии деҳот таъсири бевоситаи худро мерасонанд, **муайян карда шудааст;**

- дар таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон ва ҳалли мушкилотҳои мавҷуда, оид ба стратегияи рушди инфрасохтори ичтимоии деҳот бо назардошти таркиби ҷузъҳои зернизоми он, афзалиятҳои иқтисодӣ ва ичтимоӣ, сохтор ва муносибатҳои молиявӣ, тағйиротҳои ҷиддӣ, ки мавҷуданд, **пешниҳод шудааст;**

- барои боз ҳам беҳтар намудани ҳолати кунунӣ ва таъмини рушди ояндаи инфрасохтори ичтимоии НТҶ, ки маблағгузориҳои иловагиро талаб менамояд, дар асоси динамикаи маблағгузории буҷетӣ ва ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ, татбиқи лоиҳаҳо ва дигар маблағгузориҳоро ба назар гирифта, дурнамои он **пешниҳод шудааст;**

- барои ҳалли мушкилотҳои вуҷуддоштаи инфрасохтори ичтимоии деҳот аз ҷониби давлат, сохтори идоракунӣ ва марҳилаҳои рушди ояндаи он баҳри қавитар намудани шарикии давлат бо бахши хусусӣ, таъсиси ташкилотҳои махсуси соҳавие, ки ба беҳтар гаштани ҳолати инфрасохтори ичтимоӣ ва самаранокии он оварда мерасонад, **пешниҳод гардидааст;**

**фарзияи асили илмӣ** ба таври илмӣ асоснок намудани рушди инфрасохтори ичтимоии деҳот ва самаранокии он, ба мисоли: муайянкунии омилҳои асосии таъсиррасон; рушди соҳаи кишоварзӣ; ташаккулдиҳии стратегияҳои мавҷудаи рушди инфрасохтори ичтимоӣ; муайянкунии меъёрҳои самаранокии онҳо; истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешқадами хориҷӣ; мукаммалгардонии идоракунии давлатии рушди инфрасохтори ичтимоии деҳот; истифодабарии модели намунавии шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва самаранокии он, ба натиҷаҳои назаррас ва таъмини рушди инфрасохтори ичтимоии деҳот ва самаранокии он дар кишвар, хусусан НТҶ ноил гардидан мумкин аст, **пешниҳод шудааст;**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **асосҳои назариявии** рушди устувори инфрасохтори ичтимоӣ деҳот, таъсири он ба рушди иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, норасогии ҷойи корӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ташкилотҳои хизматрасонӣ, ҳифз ва нигоҳ доштани сатҳи баланди зиндагӣ, ҳолати экологӣ ва ноил гаштани аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ, хусусан НТҶ ба сатҳи беҳтари зиндагӣ **асоснок карда шудааст;**

- рушди иқтисодӣ аз равандҳои гуногунҷабҳа иборат буда, ба тағйироти куллӣ сохтор ва институтҳои ичтимоӣ суръат бахшида, ба беҳ гаштани инфрасохтори ичтимоӣ, коҳиш додани нобаробарии байни деҳот ва шаҳр аз қисмат ва унсурҳои мушаххаси бо ҳам алоқаманд, ки таъсири худро мерасонанд ва истифодаи он ҳамчун маҳаки муайянкунанда баромад карда метавонад, **ошкор карда шудааст;**

- мафҳуми «рушди иқтисодӣ», ки хусусиятҳо ва унсурҳои ба ҳам алоқамандро дороянд, **муайян шудаанд,** самт таркиб ва ҳадафҳои асосие, ки рушди устувори инфрасохтори ичтимоии деҳотро таъмин менамоянд, ба таври васеъ ва **мушаххас пешниҳод шудааст;**

- барои таъмини рушди ояндаи инфрасохтори ичтимоии деҳот ва дастрасии

аҳолии он ба сатҳи баланди зиндагӣ, ҳавасмандии онҳо ба ободонии диёри худ, истифодаи захираҳои арзии хусусӣ, қавитар намудани шарикии давлат бо бахши хусусӣ, ташкилотҳои махсуси соҳавӣ: ин таъсис додани фонди манзил ва ассотсиатсияи истифодабарандагони оби нӯшокӣ, **пешниҳод шудааст**;

**- вобаста ба предмети таҳқиқот** методҳои абстрактии мантиқӣ, монографӣ, оморӣ – иқтисодӣ, ҳисобӣ – конструктивӣ, тарҳрезии риёзиву иқтисодӣ, таҳлилу синтезӣ ва қиёсӣ, инчунин методи мушоҳидавию ояндабинӣ **истифода шудаанд**;

- асарҳои олимони хориҷию ватанӣ оид ба таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалӣ ва методологии мушкилоти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он бо назардошти равишҳои методологии гуногунпаҳлу, инчунин, шаклҳо ва хусусиятҳои хоси соҳавии онҳо дар низоми иқтисодиёти кишвар, инчунин таҷрибаи ҷаҳонӣ мамлакатҳои тараққӣ карда, **заминаҳои назариявии таҳқиқотро** ташкил додаанд;

**- аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки аз сатҳи омӯзиши нуқтаҳои назариявӣ, методологӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳо метавонанд дар таҳияи тавсияҳои амалии илман асосноккардашуда дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот **истифода шаванд;**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ мегардад:**

**- муқаррароти асосӣ** ва натиҷаҳои таҳқиқот ба мукаммал гардидани донишҳои назариявию амалии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ овардашуда метавонанд татбиқи амалии худро дар низоми фаъолияти соҳаҳои он ва ҳамчунин дар фаъолияти мақомоти Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ пайдо кунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсиониро метавон дар ҷодаи ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳоти мамлакат, хусусан ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ истифода намуд. Баъзе аз тавсияҳоро оид ба ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва таъмини аҳолии деҳот бо ҷойи корӣ, рушди соҳаи маориф, тандурустӣ, хизматрасонии маишӣ, таҳия ва татбиқи механизми фаъолияти хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ дар шарикии давлат бо бахши хусусӣ, ташкили зерсохторҳои иловагии ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вобаста ба иқлиму мавқеи ҷуғрофии ҷойгиршавии онҳо, модели ташаккули рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ пешниҳод гардида, барои баланд гаштани таъмини рушди деҳот ва самаранокии ҷузъҳои мухталифи инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дар амалия истифода намудан мумкин аст.

Дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои тахассусии ихтисосҳои равияи иқтисодӣ, идоракунии давлатӣ ва маҳаллии донишгоҳҳои ҷумҳурӣ истифода шуда, пешниҳодҳои муаллиф ҳамчун дастури методӣ дар Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти

диссертатсионӣ барои татбиқ дар Мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор қабул карда шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои соҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ истифода мешаванд;

- **натиҷаҳои таҳқиқоти** методиву назариявии гузаронидашуда метавонанд дар оянда ҳамчун пояи маълумотӣ барои таҳқиқотҳо, коркард ва таҳияи барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии таъмини фаъолият ва рушди соҳаҳои алоҳидаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот кумак расонанд. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд барои мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоати деҳот ҳамчун намунаи дастури идоракунии инфрасохтори иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳои мухталифи он истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **ғоя** дар асоси муқаррароти эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамоатҳо, натиҷаҳои пурсишҳои истиқоматкунандагони деҳот ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот мувофиқ мебошад;

- **назарияи асосӣ ва таҳлилҳо** бо Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳову барномаҳои давлатӣ, Барномаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, № 522), Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019 – 2021 ва Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳаммияти иҷтимоӣ дошта, баҳри рушди устувори ҷамоатҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018 – 2022, нашрияҳои даврӣ, захираҳои иттилоотии интернет ва ғайра асоснок карда шудааст;

- **истифодаи ғояи асосии диссертатсия** ба ақидаи олимони классикии соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи дигар давлатҳои пешқадам дар самти таҳқиқот ва амалӣ гаштани фаъолияти инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити минтақа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад;

-**коркарди** тавсияҳои илман асоснок оид ба мукаммалгардонии ҳамгироии низомҳои иттилоотӣ барои заминагузорӣ оид ба таъмини рушди соҳаҳои мушаххаси инфрасохтори иҷтимоии деҳот ба рақобатпазирӣ, таъмини самаранокии зерсоҳаҳои истеҳсолӣ, сатҳи зиндагии аҳолии он, коҳиш додани фарқияти байни деҳот ва шаҳр, инчунин барои мусоидат ба раванди гузаштан аз иқтисодиёти аграрӣ-индустриалӣ ба модели индустриалӣ-аграрӣ таҳия гаштаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия, дар иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварӣ, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст;

- дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф таҳқиқи фарзияҳои илмӣ гузаронида шуда, ақидаҳои аҳаммияти ташкилӣ-иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ояндабинӣ дошта, ҷиҳати ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он асоснок карда шудааст;
- натиҷаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудааст (санади татбиқ аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор аз 10-уми августи соли 2022, №43, Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми августи соли 2022, №2/5-296);
- муқаррароти асосии диссертатсия дар 13 корҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 4,1 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр гардидаанд;
- натиҷаҳои таҳқиқот дар як қатор мақолаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ, маводҳои конфронсҳо ва семенарҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Тавсия ва пешниҳодҳои таҳияшудаи муаллиф дар конфронсҳо ва семинарҳои илмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, ки давоми солҳои 2019-2025 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маъруза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 аз санаи 11-уми апрели соли 2026 қарори сазовор донистани Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 9 нафар, 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 8 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар маҷлис иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **Шарифов З.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Олимов А.Х.**

«11» апрели соли 2026

Имзоҳои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А. Х.